# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст.

Дар давраи муосир истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва донишҳои таърихӣ–химиявӣ барои ташкили раванди таълим занҷири сабаб ва оқибат шарти дунёи ҷисмҳои хурд мебошад, ба таври доимӣ донишҳоро чуқур менамояд; роҳҳои рушди мафҳумҳо ва назарияҳоро нишон дода, зиддияти байни далелҳои кухна ва навро бартараф менамояд.

Вазифаи муҳими таълими курси химияи мактабӣ ташаккул додани мафҳумҳои химиявӣ мебошад. Аз сабаби он, ки чӣ хел дар боло қайд намудем, мафҳумҳо ҳолати химиявии оламеро, ки моро иҳота кардааст, инъикос менамояд ва барои ташаккул додани услуби тафаккури илмии хонандагон асос ҳисоб шуда метавонад.

Фаҳмиши илмии мафҳумҳо дар раванди рушди илм дигар шуда такмил меёбанд ва давраҳои муайяни дарккуниро аз сар мегузаронад. Муносибати таърихӣ–мантиқӣ ба омӯзиши курси химия, ҳаракати зина ба зинаи фаҳмиш пеш аз ҳама рушди мафҳумҳоро дар назар дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он бори аввал:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;
- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардид;
- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шуд;
- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт;
- категорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шуданд;
- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифт;
- таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шуд;
- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар гурӯҳҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

Дар муқаддима, чун қоида, мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва масъалаҳо муайян гардида, мухолифатҳо ва фарзияи таҳқиқот ифода ёфта, навоварии илмӣ, марҳилаҳои таҳқиқот пешниҳод шуда, аҳамияти амалии автореферати диссертатсия, мафҳумҳои заминавӣ асоснок гардонида,

маълумот оид ба озмоиши натиҷаҳо, сохтори автореферати диссертатсияи илмӣ ба ҳимоя бароварда шудаанд.

Боби якум бо унвони «Масъалаи ташаккули тафаккури илмӣ дар ҷараёни таълими химия» аз се параграф иборат аст. Дар параграфи аввал раванди ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ таҳлил гардида, истилоҳоти «тафаккури илмӣ», «услуби тафаккури илмӣ» мушаххас гардонида шудаанд. Дар параграфи сеюм «Технологияи ташаккул услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия» масъалаҳои шароитҳои педагогии ташаккули услуби илмии тафаккур асоснок гардонидашуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои хоси ташаккули технологияи услуби тафаккури илмӣ дар асоси вазифаҳои таълимии фанни химия муайян карда шудаанд.

Боби дуюм – «Ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар амалӣ намудани имкониятҳои методии фанни химия» – аз се парагарф иборат мебошад. Дар параграфи якум масъалаҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия ба туфайли категорияҳои таърихӣ–мантиқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар параграфи дуюм «Истифодаи категорияҳои фалсафӣ барои ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия» масъалаҳои ташаккул ва ба низомдарории донишҳои химиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қисмати методологии усули илмии тафаккур асоснок гардонида шуд. Дар параграфи сеюм «Истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия» мафҳумҳои тафаккури эҷодӣ, методҳои асосии фаъолгардонии тафаккури эҷодӣ муҳокима гардиданд.

Дар боби сеюм - “Озмоиши педагогии муваффақиятнокии технологияи пешниҳодшуда” - таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ; таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ ба анҷом расидаанд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқот муаллиф тавсия медиҳад, ки:

- истифодаи технологияи коркардашуда оид ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми татбиқӣ вазифаҳои дидактикии фанни химия дар раванди таълими он сифати омӯзиши фанни химияро баланд мебардорад;

- дар раванди машғулиятҳо корҳои амали оид ба химия истифода намудани маводи таърихӣ ва мантиқӣ дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, ба ташаккули шахсияти хонандагон, ҳавасмандии онҳо ба омӯзиши химия низ мусоидат мекунанд;

- дар татбиқи ҷанбаҳои дидактикии технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ, ки ҳамчун нақшаи фаъолияти омӯзгор ва хонандагон маҳсуб меёбад, амалӣ кардани он ба шахсият, масъулият ва тайёрии касбии омӯзгор вобаста аст.

Арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкурро ба тариқи зайл мавриди арзёбӣ қарор додан мумкин аст:

- тавсифи умумии ва мазмуни асосии диссретатсия дар автореферат диссертатсия тибқи дастгоҳи илмии таҳқиқот дуруст баён гардидааст;

- аз ҷониби муаллиф назарияҳои ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими курси химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад муайян карда шудааст;

Мазмун ва мухтавои автореферат, маколахои илмии дар нашрияхо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои боло автореферати диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Номзади илмҳои химия,
мудири кафедраи химияи ДАТ
ба номи Ш. Шоҳтемур Бобиев Х.А.

Имзои н.и.х Бобиев Х.А.– ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Тағоева М.А.